Шакли №03.01(02.03).03

# АМАЛИЁТ ОИД БА ФУРӮШИ МОЛҲО (КОР, ХИЗМАТРАСОНӢ), КИ АЗ ААИ ОЗОД МЕБОШАНД

## Қисми 1. Маълумоти умумӣ дар бораи супорандаи андоз аз арзиши иловашуда

1 РМА

2 РЯМ

3 РСБ

4 Номгӯи супорандаи ААИ

5 Давраи андоз А Моҳ Б Сол

Тавсияҳо барои пур кардан

- барои кӯмак аз Тартиби пур кардани Эъломияи мазкур истифода намоед
- Эъломияро бо ҳуруфоти чопӣ пур кунед, миёни калимаҳо як хоначаро холӣ монед
- ҳангоми пур кардан ручкаи саққодори ранги сиёҳчадоштаро истифода намоед
- маблағҳоро бо сомонӣ нишон диҳед

## Қисми 2. Амалиёт оид ба фурӯш, ки аз ААИ озод мебошад

| Рамзи сатр | Номгӯи амалиётҳо оид ба фурӯш | Ҳаҷми амалиёт оид ба фурӯш |
|---|---|---|
| 001 | Амалиёт оид ба фурӯши молҳо (кор, хизматрасонӣ), ки тибқи моддаи 169 аз ААИ озод мебошад | |
| А | - хизматрасонии молиявӣ (169/2.2) | |
| Б | - фурӯш, супоридан ё иҷораи молу мулки ғайриманқул (169/2.1) | |
| В | - таҳвили пули миллӣ ва (ё) хориҷӣ (ба ғайр аз мақсадҳои нумизматикӣ), инчунин қоғазҳои қимматнок | |
| Г | - хизматрасонии динӣ ва маросимӣ аз ҷониби муассисаҳои динӣ | |
| Д | - хизматрасониҳои зерини муассисаҳои давлатии аз ҳисоби буҷети давлатӣ маблағгузоришаванда дар соҳаи маориф (таҳсилоти томактабӣ, таҳсилоти ибтидоӣ, умумии асосӣ, миёнаи умумӣ, таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ, таҳсилоти олии касбӣ, таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ, таҳсилоти иловагӣ ва махсус) (169/2. 6) | |
| Е | - таҳвили молҳо, иҷрои корҳо ва хизматрасониҳо ба сифати кӯмаки башардӯстона | |
| Ё | - таҳвили молҳо, иҷрои корҳо, хизматрасониҳое, ки бевосита аз ҷониби муассисаҳои иҷрои ҷазои ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ё корхонаҳои давлатие, ки ба системаи иҷрои ҷазои ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон шомиланд, истеҳсол намудаанд (иҷро кардаанд, хизмат расонидаанд) (169/2 .8) | |
| Ж | - хизматрасонии тиббии муассисаҳои давлатӣ, ба истиснои хизматрасониҳои косметологӣ, дандонпизишкӣ ва санаторию курортӣ | |
| З | -таҳвили маҳсулоти махсуси истифодаи инфиродӣ барои маъюбон мувофиқи номгӯе, ки аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда мешавад (169/2.9) | |
| 002 | Таҳвили металҳои қиматбаҳо ва сангҳои қимматбаҳо, маснуоти заргарӣ аз металлҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳо, алюминийи аввалия, консентрати металҳо, маъданҳои молӣ, оҳанпораи металлҳои сиёҳ ва ранга, металлҳои дигари дар ҶТ истеҳсолшаванда, нахи пахта, калобаи пахта, пахтаи коркарднашуда, аз ҷумла барои содирот (169/3) | |
| 003 | Хизматрасонии нақлиётӣ ё дигар хизматрасониҳо ё иҷрои корҳои бевосита марбут ба ҳамлу нақли бор ва мусофиркашонии байналмилалӣ, инчунин таҳвили масолеҳи сӯзишворию равғанҳои молиданӣ ва дигар маводи истеъмолӣ, ки ба дохили киштии ҳавоӣ барои истеъмол дар вақти парвозҳои байналмилалӣ бор карда мешаванд (170/1) | |
| 004 | Амалиёт оид ба таҳвили молҳо (иҷрои кор, хизматрасониҳои) аз ААИ озод тибқи шартномаҳои байналмилалӣ | |
| 005 | Амалиёт оид ба таҳвили молҳо (иҷрои кор, хизматрасониҳои) аз ААИ озод барои татбиқи лоиҳаҳои мақсаднок дар асоси моддаи 192 | |
| А | - таҳвили молҳо | |
| Б | -иҷрои корҳо | |

| | | |
|---|---|---|
| в | - хизматрасонӣ | |
| 006 | **Амалиёт оид ба таҳвили мол (иҷрои кор, хизматрасонӣ) аз ҷониби иштироккунандагони сохтмонҳои НБО тибқи моддаи 312** | |
| 007 | **Содироти молҳои истеҳсолкардаи корхонаҳои ба сикли пурраи коркарди нахи пахта машгулбуда тибқи моддаи 313** | |
| 008 | **Амалиёт оид ба таҳвили молҳо (иҷрои корҳо, хизматрасонӣ) тибқи моддаи 315 /5** | |
| 009 | **Амалиёти аз ААИ озод тибқи дигар санадҳои қонунгузории ҶТ** | |
| 010 | **Ҳамагӣ амалиёти фурӯши молҳо (кор, хизматрасонӣ) аз ААИ озод** | |

---

Аз худудҳои муқарраршуда набароед!

_______________________________________________/________________/

Ному насаби шахси масъули Эъломияро тартибдода Имзо

## Шакли № 03.01(02.03).03
## Амалиёт оид ба фурӯши молҳо (кор, хизматрасонӣ), ки аз ААИ озод мебошанд

### ҚИСМИ 1. Маълумоти умумӣ дар бораи супорандаи андоз аз арзиши иловашуда

Дар банди 1 рақами мушаххаси андозсупоранда (РМА) гузошта мешавад.
Дар банди 2 рақами ягонаи мушаххаси андозсупоранда (РЯМ) гузошта мешавад.
Дар банди 3 рақами сабаби бақайдгирии андозсупоранда (РСБ) гузошта мешавад.
Дар банди 4 номгӯи супорандаи ААИ зикр мегардад.
Дар банди 5 давраи андоз нишон дода мешавад.

### ҚИСМИ 2. – Амалиёт оид ба фурӯш, ки аз ААИ озод мебошанд.

Дар сатри 001 маълумоти умумии амалиёти анҷомгирифтаи фурӯш, ки мутобиқи талаботи моддаи 169 Кодекси андоз аз ААИ озод мебошанд, навишта мешавад. Яъне воҳидҳои рақамии сатри 001 аз маҷмӯи ҳаҷми маблағҳои амалиёт оид ба фурӯш дар сатрҳои 001А, 001Б, 001В ,001Г, 001Д ,001Е, 001Ё, 001Ж, 001З иборат мебошад.

Дар сатри 001А амалиёт оид ба хизматрасониҳои молиявӣ навишта мешавад.

Дар сатри 001Б амалиёт оид ба фурӯш, супоридан ё иҷораи амволи ғайриманқул навишта мешавад.

Дар сатри 001В амалиёт оид таҳвили пули миллӣ ва ё хориҷӣ (ба ғайр аз мақсадҳои нумизматикӣ), инчунин коғазҳои қимматнок навишта мешавад.

Дар сатри 001Г амалиёт оид ба хизматрасониҳои динӣ ва маросимӣ аз ҷониби муассисаҳои динӣ мутобиқи қ.2 м. 169 анҷом додашуда навишта мешавад.

Дар сатри 001Д хизматрасониҳои муассисаҳои давлатии аз ҳисоби буҷети давлатӣ маблағгузоришаванда дар соҳаи маориф (таҳсилоти томактабӣ, таҳсилоти ибтидоӣ, умумии асосӣ, миёнаи умумӣ, таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ, таҳсилоти олии касбӣ, таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ, таҳсилоти иловагӣ ва махсус) (169/2. 6) навишта мешавад.

Дар сатри 001Е амалиёт оид ба таҳвили молҳо, иҷрои корҳо ва хизматрасониҳо ба сифати кӯмаки башардӯстона, ройгон супоридани молҳо ба манфиати давлат мутобиқи (б.7, қ.2, м.169) навишта мешавад.

Дар сатри 001Ё амалиёт оид ба таҳвили молҳо, иҷрои корҳо, хизматрасонӣ, ки бевосита аз ҷониби муассисаҳои пенитенсиарии Ҷумҳурии Тоҷикистон ё корхонаҳои давлатие, ки ба системаи пенитенсиарии Ҷумҳурии Тоҷикистон шомиланд, истеҳсол намудаанд (иҷро кардаанд, хизмат расонидаанд) мутобиқи (б.8, қ.2, м.169) навишта мешавад.

Дар сатри 001Ж амалиётҳо оиди хизматрасонии тиббии муассисаҳои давлатӣ, ба истисноӣ хизматрсониҳои косметологӣ, дандонпизишкӣ ва санаторию курортӣ навишта мешавад.

Дар сатри 001З амалиёт оид ба таҳвили маҳсулоти махсуси истифодаи фардӣ барои маъюбон мувофиқи номгӯе, ки аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда мешавад, (169/2.9) навишта мешавад.

Дар сатри 002 таҳвили металҳои қиматбаҳо ва сангҳои қимматбаҳо, маснуоти заргарӣ аз металлҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳо, алюминийи аввалия, консентрати металҳо, маъданҳои молӣ, оҳанпораи металлҳои сиёҳ ва ранга, металлҳои дигари дар ҶТ истеҳсолшаванда, нахи пахта, калобаи пахта, пахтаи коркарднашуда, аз ҷумла барои содирот (169/3).

Дар сатри 003 хизматрасонии нақлиётӣ ё дигар хизматрасониҳо ё иҷрои корҳои бевосита марбут ба ҳамлу нақли бор ва мусофиркашонии байналмилалӣ, инчунин таҳвили масолеҳи сӯзишворию равғанҳои молиданӣ ва дигар маводи истеъмолӣ, ки ба дохили киштии ҳавоӣ барои истеъмол дар вақти парвозҳои байналмилалӣ бор карда мешаванд (170/1).

Дар сатри 004 амалиёт оид ба таҳвили молҳо (иҷрои кор, хизматрасониҳои) аз ААИ озод тибқи шартномаҳои байналмилалӣ нишон дода мешавад.

Дар сатри 005 амалиёт оид ба таҳвили молҳо (иҷрои кор, хизматрасониҳои) аз ААИ озод барои татбиқи лоиҳаҳои мақсаднок дар асоси моддаи 192, аз ҷумла дар зерсатри 005А - таҳвили молҳо, сатри 003Б- иҷрои кор ва дар сатри 003В- хизматрасониҳо нишон дода мешавад.

Дар сатри 006 амалиёт оид ба таҳвили мол (иҷрои кор, хизматрасонӣ) аз ҷониби иштироккунандагони сохтмонҳои НБО тибқи моддаи 312 нишон дода мешавад.

Дар сатри 007 содироти молҳои истеҳсолкардаи корхонаҳои ба сикли пурраи коркарди нахи пахта машғулбуда тибқи моддаи 313 нишон дода мешавад.

Дар сатри 008 амалиёт оид ба таҳвили мол (иҷрои корҳо, хизматрасонӣ) тибқи моддаи 315/5 нишон дода мешавад.

Дар сатри 009 амалиёти аз ААИ озод тибқи дигар санадҳои қонунгузории ҶТ нишон дода мешавад.

Дар сатри 010 ҳамагӣ амалиёти фурӯши молҳо (кор, хизматрасонӣ) аз ААИ озод аз сатри 001 то 009 нишон дода мешавад.